# Сарқонун - пойдевори давлатдорӣ

Омӯзиш • Тасаввурот • Фаҳмиш • Тараққиёт
Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

№ 6 (14)
11 ноябри
2013

*Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан*

# Молия ва иқтисод




**Нашрияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон**




## САРҚОНУН - АМАЛИСОЗАНДАИ ОРМОНҲОИ МИЛЛАТ

Қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисодиву сиёсии имрӯза барои ташаккул ва рушди давлатдории тоҷикон мусоидат намуда, истиқлолияти давлатии кишвари азизамонро боз ҳам бештар тақвияту таҳким бахшид. Бояд қайд намуд, ки Сарқонун ба сифати омили муҳими муттаҳидшавӣ, ҳифзи ризоияти шаҳрвандӣ, сулҳу субот ва оромӣ дар ҷомеа барои дар амал татбиқ намудани нияту ормонҳои миллати тоҷик шароити мусоид фароҳам овард. Шарти асосии шукуфоӣ ва густариши ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ аз эҳтироми Сарқонун ва қонунҳои амалкунанда маншаъ мегирад.

Қобили зикр аст, ки имрӯз Тоҷикистон ба шарофати меҳнати содиқонаи мардуми кишвар ба давраи сифатан нави рушди иҷтимоиву фарҳангӣ ворид гардид. Вазифаи асосии мо дар ин давра, пеш аз ҳама, вусъатбахшии муназзами ислоҳот дар соҳаҳои муҳими ҳаёти мамлакат, махсусан соҳаи илму маориф ва ташаккули низоми ҷадиди демократӣ мебошад. Ин иқдом ба мо имкон медиҳад, ки дар таҳкими минбаъдаи рукнҳои давлатдорӣ, раванди созандагиву бунёдкорӣ ва тарбияи насли солиму ояндасоз қадамҳои устувор гузорем.

Бояд гуфт, ки барои соҳиб шудан ба ҳадафҳои конститутсионӣ Тоҷикистонро идомаи заҳматҳои бузурги созанда мунтазир аст, ки он муттаҳидии бошандагони кишвар, ба авлавият гузоштани манофеи умумимиллиро тақозо мекунад.

Бояд барои рушди Тоҷикистон боз корҳои зиёдеро ба анҷом расонем. Аммо муҳим бояд дарк намоем: мо ҳеҷ гоҳ ба музаффарият бе тарбия намудани ҷамъияти инсондӯст ва фарҳангӣ, бахусус насли ҷавон муваффақ намегардем. Яке аз вазифаи асосии мо устодон имрӯз дар қатори донишу касб омӯзонидан ин ба ҷавонон талқин кардани муҳаббату садоқат ба Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои олии ҳастии инсоният мебошад.

Бо камоли ифтихор ва фараҳмандӣ фарорасии ҷашни Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистони азизро ба ҳамагон самимона табрик намуда, ба шумо фатҳу нусрат, сарбаландиву хушбахтӣ, рӯзгори ободу осуда таманно дорам! Орзуманди онам, ки ҳар яке аз шумо бо кору пайкор ва кӯшишу ғайрати худ дар таҳкими истиқлолият ва рушди босуботи Ватани азизамон саҳмгузор бошед!

**Ректори донишкада**
**Раҳматулло МИРБОБОЕВ**






**ДОНИШҶӮЁН ДАФТАРЧАИ ИМТИҲОНӢ ГИРИФТАНД**

Саҳ. 2



**НАТИҶАГИРӢ АЗ САНҶИШИ ФОСИЛАВӢ ДАР ДОНИШКАДА**

Саҳ. 4



**ТУ РЕЙТИНГРО ЧӢ ГУНА СУПОРИДӢ?**

Саҳ. 5



**КАФЕДРАИ ҲУҚУҚИ ИҚТИСОДӢ ВА МОЛИЯВӢ**

Саҳ. 6



**НАҚШИ МУҲОСИБ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР**

Саҳ. 8

КОНФРОНС

# КОНСТИТУТСИЯ – ҲУҶҶАТИ ТАҚДИРСОЗ





Дар донишкада рӯзи 4 ноябр бо ибтикори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявӣ Конференсияи илмию амалӣ бахшида ба Рӯзи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо гардид. Сараввал онро бо сухани ифтитоҳӣ ректори донишкада Мирбобоев Р.М. оғоз ва ҳозиринро бо Рӯзи Конститутсия табрик намуда, иброз дошт, ки Сарқонун ба сифати омили муҳими муттаҳидшавӣ, ҳифзи ризоияти шаҳрвандӣ, сулҳу субот ва оромӣ дар ҷомеа барои дар амал татбиқ намудани нияту ормонҳои миллати тоҷик шароити мусоид фароҳам овард. Имсол дар Рӯзи Сарқонун интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад, ки бозгӯи волоияти Сарқонун ва муҳимияти ин маъракаи сиёсист. Таҳлили ин рӯз як бори дигар моро водор менамояд, ки дар ободониву созандагӣ азму талоши бештар намоем.

Сипас Зариф Ализода, ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Конститутсия яке аз рукнҳои асосии давлату давлатдорӣ» баромад кард. Ӯ, аз ҷумла қайд намуд, ки таъмини устувории ҳар як давлат ва инкишофи бемайлони асосҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқии он аз Конститутсия маншаъ мегирад. Аз ин лиҳоз, Конститутсияи ҶТ қонуни асосии давлат аст, ки асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ташкили фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатиро муайян мекунад. Дар муддати 19 соли мавҷудияти Конститутсия ба он ду маротиба тағйироту иловаҳо ворид карда шуд, ки онро мукаммалтар намуд ва ин раванд нишонаи рушд аст.

Ҳамчунин дар конференсия Ғоибов Р.Д., н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳуҷҷати тақдирсози миллат», Дӯстов С., ассистенти ҳамин кафедра дар мавзӯи «Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Фирӯзи Талбак, донишҷӯи курси 2 факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молиявӣ, ихтисоси танзими ҳуқуқи молия ва қарз дар мавзуи «Конститутсия ҳомии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» маърӯзаҳои пурмуҳтаво намуданд.

Бояд зикр намуд, ки маърӯзаҳо моҳияти асосии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи қабул ва нақши он дар таҳкими қонунгузории миллии кишварро фарогир буданд.

ҶАЛАСА

# ТАҲСИЛИ РОЙГОН БА ДОНИШҶӮЁНИ ФАЪОЛ

Рӯзи 28 октябри соли ҷорӣ Шӯрои навбатии олимони донишкада таҳти роҳбарии ректор Мирбобоев Р.М. баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои зерин: "Оид ба рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2003, №508 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2004-2014» (гузориши роҳбари гурӯҳи корӣ Ғ. Мирзоев); "Дар бораи вазъи барномаҳои (гузориши роҳбари гурӯҳи корӣ А. Муллоҷонов); "Дар бораи натиҷаи таҷрибаомӯзии таълимии донишҷӯёни шуъбаи рӯзона ва рафти таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар гурӯҳҳои таҳсилоти ғоибона" (гузориши сардори Раёсати таълим Ф. Насриддинов); "Дар бораи натиҷаи таҳлили фаъолияти таълимӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва тарбиявии кафедраи забонҳои тоҷикиву русӣ ва кафедраи забонҳои хориҷӣ (англисӣ)" (роҳбарони гурӯҳҳои корӣ Ф. заронидани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ аз гурӯҳҳои ғайриройгон ба гурӯҳҳои ройгон, ки бо фармоиши Вазири маорифи ҶТ аз 04.02.2010, №161 тасдиқ шудааст, Высоцкая Т., донишҷӯи курси 1, факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва Маҳмудов Р., донишҷӯи курси 3, факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молиявӣ, ки ятими кулланд, аз гурӯҳҳои ғайриройгон ба гурӯҳҳои ройгон гузаронида шуданд.



таълимии аз рӯи ихтисосҳои роиҷи ДМИТ амалкунанда ва мутобиқати онҳо ба талаботи ҳадди ақали мазмуну мундариҷаи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (гузориши А. Маҳмадмуродов); "Дар бораи вазъи корҳои таълимиву тарбиявӣ миёни донишҷӯёни дар ДМИТ тибқи квотаи Президенти ҶТ таҳсилкунанда" Мирзоахмедов ва К. Мирзоабдуғафуров); мавриди баррасӣ қарор гирифта, мувофиқи онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуд.

Илова ба ин, дар ҷаласа пешниҳоди ректори донишкада Р. Мирбобоев "Дар бораи аз гурӯҳи ғайриройгон ба гурӯҳи ройгон гузаронидани донишҷӯёни ятими кулл" дастгирӣ ёфта, дар асоси банди 12 Қоидаҳои гу-

Инчунин пешниҳоди комиссияи донишкадавӣ бобати аз гурӯҳи ғайриройгон ба гурӯҳи ройгон гузаронидани донишҷӯёни фаъол ҷамовозӣ пайдо намуда, дар асоси банди 4 Қоидаҳои дар боло зикргардида 9 нафар донишҷӯёни фаъол дар соли таҳсили 2013-2014 ба миқдори 50% аз пардохти маблағи таҳсил озод карда шуданд.

ОИНАИ ДОНИШҶӮ

# ДОНИШҶӮЁН ДАФТАРЧАИ ИМТИҲОНӢ ГИРИФТАНД



Бо ташаббуси декани факултети ҳисобдорӣ ва омор А. Давлатов рӯзи 30 октябри соли равон дар толори хурди донишкада маросими ба донишҷӯёни курсҳои аввал супоридани дафтарчаҳои имтиҳонотӣ баргузор гардид.

Дар он Иброҳимов И.И., муовини ректор оид ба таълим, Ҳусейнов К.Б., муовини ректор оид ба илм, Эшонҷонова Л.А., муовини ректор оид ба тарбия, Насриддинов Ф.Б., сардори Раёсати таълим, Солиев Н.Н., мудири кафедраи омор, Раҳимов С., мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит баромад ва донишҷӯёнро бо ин санаи барои эшон хотирмон муборакбод намуда, таманниёти онро намуданд, ки ин дафтарчаҳои имтиҳонотӣ танҳо бо баҳои аъло пур шавад, то ки пас аз ба итмом расондани донишкада дар ҳамин гуна вазъи идона боз дипломи аълоро биспоранд. Баромадкунандагон, аз ҷумла қайд намуданд, ки бо ҷаҳду талош ва фаъолияти пурсамари устодони факултет, ки потенсиали бузурги илмиву педагогии донишкадаро ташкил мекунанд, мутахассисони баландпояи ҷа-



вобгӯи талаботҳои бозори меҳнати ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ тайёр карда мешавад. Бинобар ин, донишҷӯёни курсҳои аввал бикӯшанд бо хониши аъло ва интизоми намунавӣ таҳсил намуда, дар оянда соҳибихтисос гарданд ва дар бозори меҳнат харидори зиёд пайдо намоянд.

Сипас ба намояндагони курсҳои якуми ҳамаи ихтисосҳои факултет ба таври тантанавӣ дафтарчаҳои имтиҳонӣ ва билети донишҷӯ супорида шуд.

Бояд гуфт, ки дафтарчаи имтиҳонӣ оинаи донишҷӯ буда, дар он бурду бохти ӯ дар давраи таҳсилаш дар донишкада дарҷ мегардад.

**Масъули саҳифа**
**Машҳура Абдуллоева**

ҲУШДОР

# ПЕШГИРИИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНӢ



**Рӯзи 2 ноябри соли ҷорӣ бо ташаббуси шуъбаи тарбияи донишкада ва тибқи нақшаи чорабинии он вохӯрии намояндагони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи кишвар бо устодону донишҷӯён шуда гузашт.**

Дар он сардори Раёсати молиявӣ-иқтисодии Вазорати корҳои дохилаи ҶТ, полковники милитсия Мамадшоев Ш.А., муовини сардори шуъбаи назорати ревизионии Раёсати молиявӣ-иқтисодии ВКД-и ҶТ, подполковники милитсия Хоҷаев Р.Р., нозири шуъбаи хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонони ВКД-и ҶТ, капитани милитсия Сафолов Ф.С., кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ, полковник Буриев Н.О., полковник Мусоев Ф.Б. ва майор Ғуломов С.Ҷ. ширкат варзиданд.

Дар баромадаш Мамадшоев Ш. аз ҷамъбасти маълумотҳои оморӣ оид ба вазъи ҳуқуқвайронкунии ҷавонону наврасон изҳори нигаронӣ намуда, иброз дошт, ки дар муддати 9 моҳи охир аз тарафи ноболиғону ҷавонон 4 ҳазору 305 ҷиноят содир карда шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 300 ҷиноят зиёд аст. Аз ин 72 ҷиноят аз тарафи донишҷӯёни муассисаҳои таълимии олии кишвар содир гардидааст, аз ҷумлаи онҳо 5 нафар донишҷӯёни Донишкадаи молия ва иқтисод ба ҷиноят даст задаанд.

Сипас полковники Кумитаи амнияти миллӣ Бӯриев Н.О. баромад ва қайд намуд, ки омилҳое, ки барои амнияти миллӣ хатар ворид менамоянд, хеле зиёданд. Яке аз онҳо тахти таълимоти динӣ ба гурӯҳҳои террористӣ гаравидани ҷавонон аст. Қувваҳои тахрибкор барои амалӣ намудани мақсадҳои нопоки худ бештар аз ҷавонон истифода мебаранд. Дар шароити кунунии пешрафти технологияҳои муосир ба тариқи Интернет низ ҷавонон зери таъсири гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ қарор гирифташашон мумкин аст. Аз ҷумла аз аввали сол 53 нафар аъзоёни ҳаракатҳои террористӣ дастгир шудаанд, ки ин боиси нигаронист.

Инчунин ҳодисаҳои нангине, ки ҷавононро ба коми худ кашида истодааст, ин ба нашъамандӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир даст заданӣ онҳост. Имсол 3 тоннаву 743 кг моводи мухаддир мусодира карда шудааст, ки ин шумора ташвишовар аст. Зеро як грамми ин маводи марговар метавонад 10 нафарро ба коми худ кашида, ба нестӣ барад. Бинобар ин, донишҷӯёнро зарур аст, ки дар ин бобат ҳушёриро аз даст надода, танҳо паи рисолати азалии хеш, яъне ба доништалабӣ, забономӯзӣ ва иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ машғул бошанд. Бар зидди он зуҳуроте, ки ба сулҳу субот ва пойдории ваҳдати миллӣ халал мерасонанд, дастаҷамъона мубориза бурда, дар мафкураи ҷавонон ҳиссиёти ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва ифтихори миллиро тақвият бахшем.

Сипас миёни ҳозирин ва намояндагони мақомотҳои қудратии кишвар суолу ҷавобҳои пурмуҳтавову судманд баргузор гардид ва дар он ба ҳамагон маълум шуд, ки се нафар донишҷӯи ДМИТ, ки ҷиноят содир намудаанд, донишҷӯёни курси якуми ғоибона буда (танҳо як моҳ дар донишкада таҳсил намудаанд), ба ҷурми рабудани автомобил ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд.

Дар фарҷоми вохӯрӣ Эшонҷонова Л.А., муовини ректор оид ба тарбия барои баромади пурмуҳтаво ва вохӯрии судманд ба меҳмонон арзи сипос намуда, афзуд, ки донишкада бо мақомотҳои қудратии кишвар ҳамеша дар иртибот ва ҳамкории доимӣ қарор дорад ва аз ҳисоби донишҷӯёни фаъол рӯйхати 20 нафар ба ВКД ҳамчун дружиначиёни ҷавон ҷиҳати ҳамкорӣ ва дар батанзимдарории тартиботи ҷамъиятӣ пешниҳод карда шудааст.

Бояд гуфт, ки ташкили чунин чорабиниҳо ҷанбаи тарбиявӣ дошта, барои бартараф ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ҷавонон мусоидат менамояд.

**М. Абдуллоева**

ҲАМОИШ

# МАҲФИЛИ "БОЗОРИ ФОНДӢ"

Бо ташаббуси кафедраи фаъолияти биржавӣ ва коғазҳои қиматнок маҳфили донишҷӯён таҳти унвони "Бозори фондӣ" баргузор гардид.

Маҳфилро мудири кафедраи фаъолияти биржавӣ ва коғазҳои қиматнок Мӯминов А. ифтитоҳ намуда, иброз дошт, ки такмил диҳанд.

Дар маҳфил 5 нафар донишҷӯён баромад намуданд, аз ҷумла Комилов Ятим, донишҷӯи курси 4, факултети молия ва қарз дар вобастагӣ ба мавзуи "Саҳмияҳои НБО-и Роғун дар таъмини Истиқлолияти энергетикии кишвар" маърӯза



барои беҳтар кардани сатҳи донишандӯзии донишҷӯён маҳфили номбурда дар доираи мавзуи асосӣ "Бозори коғазҳои қиматноки Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлил, муаммо ва дурнамои инкишофи он" ҳар моҳ гузаронида мешавад. Дар он донишҷӯёни бомаҳорат иштирок ва бо маърӯзаҳои худ баромад мекунанд. Ин маҳфил барои донишҷӯён имкон медиҳад, ки донишҳои назариявии дар ҷараёни дарсҳо андӯхтаи хешро намуда, ҷиҳатҳои манфиатноки онро мавриди баррасӣ қарор дод.

Дар охир миёни донишҷӯён саволу ҷавоб баргузор гардид.

Бояд зикр кард, ки дар маҳфил сардори шуъбаи илмӣ-тадқиқотӣ Муқимов Қ., мутахассиси ҳамин шуъба Раҳимова М., сармутахассиси шуъбаи тарбия Давлатова М. ва дигарон иштирок намуда, фикру ақидаҳои худро иброз доштанд.

**У. Бобоев**

ТАҶЛИЛ

# ДАР ДОНИШКАДА «HALLOWEEN»-РО ҶАШН МЕГИРАНД

**Рӯзи 30 октябри соли ҷорӣ дарси кушоди устодони кафедраи забони хориҷӣ (англисӣ) дар мавзуи ҷашни иди миллии халқҳои англисзабон «Halloween» шуда гузашт.**





Дар оғози чорабинӣ Дадаҷонова И.Б., мудири кафедраи забони хориҷӣ (англисӣ) ҳозиринро хайра мақдам гуфта, бо ид табрик намуд. Дар он донишҷӯёни ҳамаи факултетҳои донишкада бо муаррифии иди «Halloween», хондани шеъру суруд, намоиши саҳначаҳои театрикунонидашуда оид ба расму оинҳои ин ид, ороиши махсуси идонаи кадуҳо ва газетаҳои деворӣ, тайёр намудани шириниву кулчақандҳо ва хӯришҳои вобаста ба иди мазкур байни худ сабқат намуда, ҳунару маҳорати худро намоиш доданд. Аз ҷумла донишҷӯён Зокиров А., Алматов М., Мирзокаримов Д., Кенҷаев С., Маҳкамова Н. хеле хуб баромад намуда, забондонии хешро нишон доданд.

Ёдовар мешавем, ки ин ид дар байни халқҳои англисзабон аз давраи қадим қайд карда мешавад. Қабилаҳои дар ҳудуди Англия ва Ирландия маскунбуда солро ба ду қисм – зимистон ва тобистон тақсим мекарданд ва 31 октябр рӯзи охирини сол маҳсуб мегардид. Каду рамзи ҳамин ид аст. Аз ин хотир кадуро дар рӯзи ҷашн тавре менигоранд, ки даҳшатовар ва аз ҳайбати он ҳама дар тарсу бим бошад. Яъне ин амал ифодакунандаи ғалабаи некӣ бар бадист.

Дар охир аъзои ҳакамон ба ҳунару маҳорати иштироккунандагон баҳои сазовор дода, дар мавриди ороиши каду ва газетаҳои деворӣ ҷои аввал насиби факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт, ҷои дуюм факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва ҷои сеюм насиби факултети молия ва қарз гардид.

Чорабинӣ хеле хотирмон ва диданӣ гузашт.

**Машҳура Абдуллоева**

16 ноябри соли 2013 инаугуратсияи Президенти ҶТ баргузор мегардад.

ТАҲЛИЛ

# НАТИҶАГИРӢ АЗ САНҶИШИ ФОСИЛАВӢ ДАР ДОНИШКАДА

**Яке аз ҷузъҳои асосии татбиқи низоми кредитии таълим баҳогузории фаъолияти донишҷӯ дар асоси натиҷаҳои донишандӯзии онҳо дар марҳилаҳои гуногуни таълим ба ҳисоб меравад.**



Мувофиқи усули холдиҳӣ-рейтингӣ донишҷӯ дар давоми таҳсил миқдори муайяни холҳоро бояд соҳиб шавад, ки дар асоси он ба фаъолияти ӯ баҳо гузошта мешавад.

Мақсади низоми холдиҳӣ - рейтингӣ пай дар пай ҷорӣ намудани назорати дониш, баҳогузории беғаразона, бартараф намудани зуҳуроти тасодуфӣ дар вақти санҷишҳо, ҳавасмандкунии донишҷӯ бобати иҷрои корҳои берунazсинфӣ аст.

Дар донишкада тибқи қарори Шӯрои олимон то 40% холҳо ҳамчун холҳои ҳавасмандкунӣ (баҳисобгирии давомот, мавҷудияти конспект, навиштани маърӯзаю рефератҳо, ҳалли мисолҳо) ва то 60% холҳо барои муайян намудани сатҳи дониш пешбинӣ шудааст.

Қайди холҳои гирифтаи донишҷӯ дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон бояд амалӣ гардад. Донишҷӯ ба он ҳавасманд аст, ки устодон сари вақт холҳои гирифтаи донишҷӯро дар дафтари кории ӯ аз фанни тадрисшаванда сабт намуда, бо имзояшон тасдиқ намоянд. Ин амал имконият медиҳад, ки баҳснок будани холҳои гирифташуда аз байн равад.

Низоми кредитии таҳсилот аз донишҷӯ масъулияти баландро талаб менамояд. Барои ба ин мақсад ноил шудан донишҷӯ бояд ташаббускор бошад.

Вазифаи асосии устодони донишкада аз ташаккулдиҳии фаъолияти шахсии мутахассиси оянда, ки дар такмилёбӣ, донишандӯзӣ ва навоварӣ ифода меёбад, иборат аст. Ҳалли ин масъала танҳо бо роҳи додани дониш дар шакли тайёр аз устод ба донишҷӯ ғайриимкон аст. Ба ин маънӣ, ки бо истифода аз усулҳои нави фаъоли таълим фаъолнокии донишҷӯёнро ҷиҳати азбарнамоии дониш зиёд ва дар ин баробар натиҷаи дилхоҳро ба даст орем.

Дар ин ҷода кори мустақилонаи донишҷӯён нақши муҳим дорад. Кори мустақилона ин маҷмӯи фаъолияти мустақилонаи донишҷӯ дар синфхона ва берун аз он, дар алоқа бо устод ва ҳам бидуни устод мебошад.

Чанде пеш аз ҷониби кормандони шуъба оид ба баҳогузории устодон ба фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён мониторинг гузаронида, фаъолияти 42 нафар устодон бобати баҳогузории онҳо ба донишазхудкунии муҳассилин санҷида шуд. Санҷиш нишон дод, ки 11 нафар устодон дафтари корӣ надоранд ва табиист, ки баҳогузории фаъолияти таълимии толибилмон тибқи талабот ба роҳ монда нашудааст.

Дар 6 маврид баҳои гузоштаи устодон ба фаъолияти таълимии донишҷӯён ба сиёсати баҳогузории дар силлабусҳо пешбинишуда мувофиқат намекарданд.

Дар дафтари кории 25 нафар устод фаъолияти донишандӯзии толибилмон оид ба вазифаҳои супоридашуда баҳогузорӣ шудааст. Ин кор дар кафедраҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, андоз ва андозбандӣ, фаъолияти бонкӣ, молия ва муомилоти пулӣ нисбатан хуб роҳандозӣ гардидааст.

Тибқи талабот устодон бояд холҳои гирифтаи донишҷӯро дар дафтари кории ӯ сабт намуда, бо имзояш онро тасдиқ намоянд. Ин тадбир донишҷӯро водор менамояд, ки ба машғулиятҳо бо тайёрӣ оянд, супоришҳоро сари вақт иҷро намоянд. Вале, мутаассифона, ин талабот аз ҷониби аксари устодон иҷро карда намешавад. Ҳамзамон донишҷӯён оид ба меъёрҳои баҳогузорӣ бояд пешакӣ огоҳ карда шаванд. Феълан ин амал низ ба таври бояду шояд иҷро нашуда истодааст.

Сессияи фосилавии якуми соли таҳсили 2013 - 2014 мувофиқи нақшаҳои амалкунандаи таълимӣ бо фармоиши ректор №723/Д аз 7 октябри соли 2013 аз 14 октябр то 24 октябри соли 2013 гузаронида шуд.

Ба хотири самаранок ҷараён гирифтани санҷиши фосилавӣ дар факултетҳо кормандони Раёсати таълим ба ҳайси сарпараст вобаста шуда, баргузории санҷиши фосилавиро мунтазам назорат мебурданд.

Ҷамъбасти санҷиши фосилавӣ аз рӯи баҳои андӯхтаи донишҷӯён ифодагари дар кадом сатҳ азбаркунии фанҳои мухталиф мебошад.

Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда ва кӯшишҳои роҳбарияти донишкада, ҳамчунин дур намудани омилҳои таъсиррасонӣ ба рафти санҷиши фосилавӣ теъдоди донишҷӯёне, ки нисбатан суст мехонанд ва дар санҷиш иштирок надоштанд, нисбати санҷиши фосилавии якуми соли таҳсили гузашта кам гардид.

Дар оғози санҷиши фосилавӣ теъдоди донишҷӯёни низоми кредитии таҳсили рӯзона 2973 нафарро ташкил дод. Аз ин теъдод санҷиши фосилавиро 382 нафар насупориданд ва 247 нафари онҳо аз як фан қарздор монданд.

Таҳлили натиҷаи санҷиш нишон дод, ки донишҷӯёни курси 3 ихтисоси 25010401 (куратор Нуров Ш.), курси 4 ихтисоси 25010401 (куратор Азизқулов Б.), курси 3 ихтисоси 25010408 (куратор Иброҳимов Д.), курси 4 ихтисоси 25010408 (куратор Гулов Ш.), курси 4 ихтисоси 25010201 (куратор Неккадамова Н.), курси 4 ихтисоси 24010407 (куратор Одинаев Б.) ва курси 2 ихтисоси 25010407 (куратор Содиқов М.) сад фоиз аз санҷиш гузаштанд. Тавре ки возеҳ гашт, донишҷӯёни курси 1 ба ин маърака тайёрии хуб надидаанд.

Садорати факултетҳо ва кураторони гурӯҳҳои таълимиро мебоист дар байни донишҷӯёни курси як корҳои фаҳмондадиҳиро хубтар ба роҳ монда, нозукиҳои низоми кредитиро дуруст фаҳмонанд. Хусусияти хоси технологияи кредитии таълим дар сатҳи баланд ва ҳаҷми калони корҳои мустақилона зоҳир мегардад. Ҳалли саволҳои тестӣ аз донишҷӯ зиракӣ ва заковатро тамамно менамояд.

Устод аз рӯи он мавзӯъҳое, ки барои КМРУ пешбинӣ шудаанд, дониши донишҷӯро беғаразона санҷида, бояд баҳогузорӣ намояд.

Бобати ба натиҷаҳои назаррас ноил шудан Раёсати таълим ва дигар воҳидҳои сохториро зарур аст, ки барои мубоҳисаи озод шароит фароҳам намуда, ба омӯзиш шавқу завқи толибилмонро бедор ва тақвият бахшанд. Дар раванди машғулиятҳо аз усулҳои навтарини таълим ва технологияҳои муосир ва масъалаҳои ситуатсионӣ васеъ истифода намоянд.

Аз нишондиҳандаҳои таҳлил бар меояд, ки дар аксари факултетҳо шумораи донишҷӯёни аълохон аз 1-3 нафар беш набуда, донишҷӯёни бо баҳои қаноатбахш таҳсилкунанда аз 14 то 46 фоизро ташкил медиҳад. Устодонро зарур аст, ки қобилияти фикррони, ташаббускорӣ, эҷодкорӣ, ҳисси масъулиятшиносии шогирдонро ташаккул ва тақвият бахшанд.

Мушоҳида ва таҳлилҳои гузаронидаи шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим имконият доданд, ки омилҳои ба сифати таълим таъсиркунандаро муайян намоем, ки инҳоянд: сифати ҳайати устодону донишҷӯён, ҳолати заминаи моддию техникӣ, сифати барномаҳои таълимӣ, сифати донишҳо, рақобатпазирии хатмкунандагон дар бозори меҳнат.

Дар охир хулоса бояд кард, ки танҳо тавассути донишу малака ва маҳорат ноил гаштан ба сатҳи баланди донишандӯзӣ кофӣ нест. Асоси сифати таълимро арзишҳои инсонӣ: ахлоқ, виҷдон, садоқат ва ғайра ташкил медиҳанд.

**Абдусалом Маҳмадмуродов, сардори шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим**

# ТУ РЕЙТИНГРО ЧӢ ГУНА СУПОРИДӢ?



Аслан ман ифтихор аз он дорам, ки чун як нафар донишҷӯ як давраи аввали имтиҳонро супоридам. Ман аз супоридани рейтингҳо ҳарос надоштам, чунки дар давраи таҳсили мактаби миёна аз ҷараёни супоридани рейтинг бохабар будам, зеро як муаллимаи мактабон ҳамзамон дар кадом донишкадае кор мекард ва ҳам ба мо дарс мегуфт ва гоҳе дар бораи тарзу қоидаҳои имтиҳонсупории мактаби олӣ нақл мекард.

Ягона тарсам аз он буд, ки аз фанни таърихи халқи тоҷик, ки аз он муаллим Муллоҷонов А., ба мо дарс мегӯянд, фикр мекардам, ки холи паст мегирам. Бинобар ин, бештар тайёрӣ дидам ва баҳои хуб ҳам гирифтам.

Умуман, дар ҷараёни рейтинг ман ягон камбудӣ мушоҳида накардам, чунки ба мо устодони ботаҷрибаи донишкада дарс мегӯянд.

Ҷиддӣ тайёрӣ бинӣ, супоридани санҷишҳо проблема набудааст.

**Ҳангома, донишҷӯи курси 1, факултети молия ва қарз**



Барои мо, донишҷӯёни курси якум, ки маротибаи аввал рейтинг месупорем, хеле мушкил буд, чунки сараввал аз тарзи супоридани он пурра хабардор набудем.

Ман аз баъзе фанҳо холи паст гирифтам ва аз он розӣ нестам. Дар ин ҷо худи ман ҳам гунаҳгорам, зеро дар рейтинги математика бо айби худам соҳиби холи паст шудам. Ҳамзамон аз баъзе муаллимон домангирам, зеро устодоне ҳастанд, ки рафти дарси амалию лексиониашон якранг сурат мегирад, яъне дар дарсҳои амалӣ ҳам худашон дарсро нақл мекунанд. Ҳеҷ нафаҳмидам, ба мо, имкон намедиҳанд, ки баромад кунем. Дар натиҷа мо аз чунин дарсҳо чизе бардошт карда наметавонем. Боз як хел устодон дафтари қайди донишҷӯёнро надоранд, барои ҳамин дар вақти гузоштани холҳои ҳавасмандӣ барои онҳо фарқ надорад, ки кадоми мо дар дарсҳо фаъол будему кадомамон не. Рости

**Дабири кулли ЮНЕСКО Ирина Бокова овозхони ҷавони тоҷик Меҳрнигори Рустамро ҷиҳати иштирок дар Форуми 37-уми байналмилалии ҷавонон ба Фаронса даъват кард.**

# НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР ТАҲКИМИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ

***Истиқлолияти давлатӣ дар таҳкими қонунгузории миллӣ имконияти бузургеро ба вуҷуд овард, зеро бе истиқлолияти давлатӣ гузариш ба низоми қонунгузории миллӣ ғайриимкон буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дигар давлатҳои собиқ ИҶШС қадамҳои нахустини худро ҳамчун давлати навтаъсис мегузошт, гузариш аз қонунҳои иттифоқӣ ба қонунҳои миллӣ ҳамчун давлати мустақил пеш омад.***

Роҳбарияти мамлакатро зарур шуд, ки низоми қонунгузории давлатҳои пешқадами ҷаҳони муосирро омӯхта, дар ин самт як низоми қонунгузории мукаммал ва бо санаду принсипҳои байналмилалӣ мутобиқро дар мамлакат роҳандозӣ намояд.

Барои ба ин мақсадҳо ноил гардидан, пеш аз ҳама, таҳияи Конститутсияи (Сарқонуни) нав, ки ба талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ мутобиқ бошад, лозим омад. Бояд қайд намуд, ки гуруҳи корӣ баъд аз соҳибистиқлол гардидан то соли 1993 ду маротиба лоиҳаи конститутсияҳоро тайёр намуданд, вале бо сабаби вазъи ноороми кишвар ва пай дар пай иваз шудани роҳбарияти давлат ин лоиҳаҳо мавриди амал қарор нагирифтанд.

Бо ин мақсад бо фармони раиси Шӯрои олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 1993 комиссияи махсус аз олимони соҳаҳои гуногун оид ба тайёр намудани лоиҳаи Конститутсия сафарбар шуданд. Комиссияи конститутсионӣ лоиҳаро дар ду вариант, лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии президентӣ ва лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии парламентӣ тайёр намуда, ба Шӯрои олӣ пешниҳод намуд. Баъди муҳокима лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурии президентӣ маъқул дониста шуд. Ҳамин тариқ, 6-уми ноябри соли 1994 Конститусияи ҶТ ба тариқи райъпурсии умумихалқӣ аз ҷониби шаҳрвандони Тоҷикистон якдилона қабул гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз ба воситаи ин ҳуҷҷати муҳим қадамҳои устувори худро дар таҳкими қонунгузории миллӣ гузошт.



Қайд намудан зарур аст, ки баъд аз соҳибистиқлолӣ кишвари мо то қабули Конститутсия қонунҳои зиёде, аз қабили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин», «Дар бораи муҳофизати меҳнат», «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии маъюбон», «Дар бораи ҳимояи шаъну эътибори президент», «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони ҶТ», «Кодекси ҷангали ҶТ» қабул гардиданд, ки вазъияти иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоии кишварро ба андозае рӯ ба беҳбудӣ оварданд. Вале Конститутсия дар тамоми соҳаҳо барои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ имкониятҳои васеъро фароҳам овард.

Гуфтан ба маврид аст, ки маҳз ба воситаи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми қонунгузории миллӣ ба амал бароварда шуд. Сарқонун Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон намуд. Забони давлатиро забони тоҷикӣ эълон намуда, ба ин восита мақоми забони тоҷикиро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардошт. Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд бошад, яке аз масъалаҳои муҳими Сарқонун ба шумор рафта, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзишҳои олӣ эълон гардидаанд ва халқ сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ дониста мешавад.

Конститутсияи ҶТ асосҳои сохтори конститутсионии ҶТ, шакли идоракунии давлатии ҶТ, шакли сохти давлатӣ, таҷзияи ҳокимияти давлатро (ба мақомоти қонунгузор иҷроия ва судӣ), инчунин волоияти Конститутсияро ба таври мушаххас муқаррар намуд. Дар моддаи 11-уми он сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар ҳамчун сиёсати сулҳҷӯёна муайян карда шуда, эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳо ҳамчун масъалаи муҳими байналмилалӣ муқаррар гардид.

Моддаи 12-уми Сарқонун бошад, асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро муайян ва шаклҳои гуногуни моликиятро дар кишвар мустаҳкам намуд, ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро ба ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва маскунони он кафолат дод.

Ба таври конститутсионӣ нишон додан ва муқаррар кардани бахшҳои муҳими иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ҷомеа имкониятҳои зиёдеро барои эҳё шудани қонунгузории миллӣ маҳз Конститутсияи ҶТ дод. Аз ин рӯ, нақши Конститутсияи давраи соҳибистиқлолӣ барои аз ҷониби парламенти кишвар бо дастгирии халқ қабул шудани қонунҳои давраи соҳибистиқлолӣ ва пешрафти тамоми соҳаҳои муҳими давлатӣ ва ҷамъиятӣ хеле калон аст.

Сарқонуни мамлакат санади тақдирсозест, ки роҳи рушду нумуи давлати тоҷиконро дар ҳазорсолаҳо равшан месозад. Аз ин рӯ, эҳтирому арҷгузории он бояд дар меҳвари амалиёти ҳамарӯзаи мо қарор дошта бошад.

**Дӯстов С.А.,**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии ДМИТ**

---

гап, буданд донишҷӯёне, ки барои гирифтани рейтинг ҳар гуна восита меҷустанд.

**Мирзоалӣ, донишҷӯи курси 1, факултети иқтисоди молиявӣ ва андозбандӣ**



Росташа гӯям, дар аввал ман барои супоридани рейтинг иҷозат надоштам, чунки ду рӯз бо сабаби касалӣ набудам ба баъди пешниҳоди маълумотномаи тиббӣ ба супоридани санҷишҳо иҷозат гирифтам. Ман тасаввур мекардам, ки рейтингро дар назди комиссия месупоранд ва тарс ҳам доштам. Аммо вақте ки ман аввалин рейтингро супоридам, бароям маълум шуд, ки агар лексияҳои муаллимонро қайд намоиву онҳоро хонӣ ва аз адабиёти тавсияшуда дуруст истифода барӣ, дар супоридани рейтингҳо он қадар азоб намекашӣ.

Ягона камбудии дар ҷараёни рейтинг ба назаррасида он буд, ки дар тестҳо баъзе саволҳое буданд, ки мо дар рафти дарс онҳоро нахонда будем.

**Зарина, донишҷӯи курси 1, факултети молия ва қарз**

Хушбахтона, ман рейтингро бо холҳои баланд супоридам, чунки аз он мавзӯъҳое, ки мо дарс хонда будем, аз ҳамонҳо савол омада буд. Вале дар баробари ин чанд саволеро вохӯрдам, ки дар бораашон маълумот надоштам ва аз устодон кӯмак пурсидам.

Ҳамзамон он донишҷӯёне, ки дар рафти дарсҳо халал мерасониданд, барои гирифтани рейтинг мушкилӣ кашиданд, зеро холи ҳавасмандӣ аз ҷониби устодон кам монда шуд. Баъзе донишҷӯён барои гирифтани санҷиш восита низ мекофтанд ва бо роҳҳои гуногун баҳо мегирифтанд. Ман ҳайронам, ки донишҷӯёни камсавод аз холи тестии худ розӣ набуданд, онҳо ку парвои рейтинг надошта, барои он тайёрӣ ҳам надида буданд. Дар урфият хеле хуб гуфтаанд, ки чизе, ки коштӣ онро медаравӣ.



Ҳини рейтингсупорӣ камбудии ҷиддиеро надидам.

**Раҳмоналӣ, донишҷӯи курси 1, факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ**

Чун на ҳамаи донишҷӯён дар ҷустуҷӯи илму донишанд ва барои баъзеи онҳо ҳатто чӣ гуна баҳо гирифтанашон фарқ надорад, низоми кредитӣ воситаи хубе барои бедор кардани ҳисси масъулиятшиносӣ ва фаъол гаштани донишҷӯён дар дарсҳо аст. Чунки 40 холи рейтинг аз холҳои дар дарсҳои амалӣ ва аз реферат гирифтаи донишҷӯ вобаста аст.

Дар бораи рейтинг ба мо, донишҷӯён аз рӯзҳои аввали дарсҳо устодон маълумот дода буданд. Ва чун мо фаҳмидем, ки барои дар рейтинг баҳои хубу аъло гирифтан хондану дар дарсҳо одоби намунавӣ дошта, фаъолона иштирок кардан ва ҷавобҳои дурусти тестҳоро интихоб кардан зарур аст, кӯшиши мо ба он равона шуд.

Бо шарофати заҳматҳои муаллимон ва талабҳои онҳо донишҷӯёни зиёде тавонистанд дар рейтинг холҳои хуб гиранд.

Ман шахсан аз ҳамаи холҳои гирифтаи худ розиам, фаҳмидам, ки холҳои рейтинг аз худи донишҷӯ вобаста будааст ва барои дар рейтинг холҳои хуб гирифтан бояд дар дарсҳо фаъолона иштирок намоию мавзӯъҳоро чуқур омӯзӣ…



**Меҳрангез, донишҷӯи курси 1, ихтисоси менеҷменти молиявӣ**

Ман аввалин санҷишҳои тестии худро аз фанҳои гуногун бомуваффақият супоридам. Албатта, ман аз холҳои гирифтаам розиам. Аммо баъзе донишҷӯён дар баробари нахондану камсавод буданашон аз холҳои гирифтаи худ розӣ нестанд. Чунки холҳои баъзе аз эшон паст аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки қисме аз донишҷӯён намехонанд ва ба корҳои беҳуда вақти худро сарф мекунанд.

Мо аз тарафи устодон ягон камбудиро мушоҳида накардем. Камбудиҳо аз тарафи мо, донишҷӯён дида мешуд. Муаллимон ба мо дарс мегӯянд, вале мо дар ҷараёни дарсҳо ба суханони устодон гӯш намедиҳему лексияҳоро дар дафтар қайд намекунем ва ин боис мешавад, ки дар супоридани рейтингҳо душворӣ кашем.

Мо минбаъд кӯшиш мекунем, ки ҳангоми супоридани санҷишҳои фосилавӣ хубтар омода бошему ба гирифтани холҳои баланд сазовор гардем.

**Неъматулло, донишҷӯи курси 1, факултети иқтисоди молиявӣ ва андозбандӣ**

Рейтинги аввал хеле хуб гузашт, ин аввалин навигарӣ дар таҳсили мо буд.

Ман рейтингро хеле хуб супоридам ва аз холҳои гирифтаам розиям, вале аз як фан – сотсиология холи паст гирифтам. Росташа гӯям, ба ҷавобҳои дурусти тест ҷиддӣ аҳамият надода, саросема қайд кардаму ба муаллим онро супоридам. Баъд фаҳмам, вақт бисёр будааст. Ба ҳар ҳол муаллим аз рӯи ҷавобҳои дар дарс додаам, маро баҳои иловагӣ мондааст. Бовар накардам, баъд, ки тестамро дидам, дар ҳақиқат муаллим баҳои воқеӣ мондааст. Ин фанни якум дар рейтинг буд, дар дигар фанҳо ҷиддӣ кор карда, тестҳоро нағз супоридам.

Дар ҷараёни гирифтани рейтинг як камбудӣ дида мешуд, яъне баъзе суолҳои фанҳо аз мавзӯъҳои ногузашта дар варақаи рейтингӣ ҷо дода шуда буданд.

**Мавзуна, донишҷӯи курси 1, факултети иқтисоди молиявӣ ва андозбандӣ**

**Омодакунанда**
**Убайдулло Бобоев**

# КАФЕДРАИ ҲУҚУҚИ ИҚТИСОДӢ ВА МОЛИЯВӢ

**Дар шароити дигаргунсозиҳои демократӣ нақш ва мавқеи ҳуқуқ дар танзими ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва давлатӣ устувор мегардад. Ҳамаи ин дигаргуниҳо тавассути таҳия ва қабули қонунҳои мукаммал ба амал баровварда мешавад. Ислоҳот дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа танҳо ба воситаи татбиқи муқаррароти қонунгузорӣ амалӣ мегардад.**

Дар замони муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи дахлдори ҳуқуқии гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ ва соҳибкорӣ гузошта шудааст. Татбиқи амалии онҳо аз донишҳои ҳуқуқии аҳли ҷомеа ва бахусус мутахассисони соҳаи иқтисодиёт вобастагии зич дорад. Бинобар ин, зарурати бо донишҳои ҳуқуқӣ мусаллаҳ намудани донишҷӯёни факултаҳои бахши иқтисодӣ ба дар ин замина баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии онҳо ба миён омадааст.

Ҳуқуқи иқтисодӣ масъалаҳои муҳими ҳуқуқро меомӯзад, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба фаъолияти соҳибкорӣ, гражданӣ, муфлисшавӣ, менеҷмент, танзими ҳуқуқии рақобат ва инҳисор дар бозор, шартномаҳо дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ, усулҳои таъмин намудани иҷрои уҳдадориҳо, танзими ҳуқуқии суғурта, ҳисоббаробаркунӣ ва ғайраро бо овардани мисолҳои мушаххас аз ҳаёти имрӯзаи ҷомеа ва роҳу усулҳои ҳаллу фасли онҳо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар гирифтааст.

Дар кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявӣ аз рӯи 43 фанни таълимӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дарс дода мешавад, ки пурра бо барномаҳои таълимӣ ва силлабусҳо таъминанд. Соли ҷорӣ дар назди кафедра як ихтисоси нав ҳуқуқи андоз ва бонкӣ вобаста шуд.

Ҳайати кафедра 22 нафар муаллимони доимӣ ва ҳамкорони дохилию беруниро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 1 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, 8 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 6 нафар муаллими калон, 7 нафар ассистент ва 1 нафар корманди техникӣ мебошанд.



Устодони кафедра мақола ва корҳои илмии худро дар нашрияҳои гуногун ба чоп расонидаанд, аз ҷумла дар Маҷмӯи мақолаҳои илмии «Гражданское законодательство» (г. Алма-Аты, Институт правовых исследований и анализа), маҷаллаи «Предпринимательское право» (МГУ, ш. Москва), маҷаллаи «Ленинградский юридический журнал» (ЛГУ ш. Санкт–Петербург), маҷаллаи «Энергетическое право» (МГУ, ш. Москва), маҷаллаи «Экологическое право» (ИГ «Юрист» Москва), маҷаллаи «Евразийский юридический журнал» (МГЮА Москва), Материалы международной научно-практической конференции (Академия наук Татарстана), маҷмӯаи осори илмии Донишкадаи иқтисоди Тоҷикистон, маҷаллаи «Давлат ва ҳуқуқ»-и факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ, Ахбори АИ ҶТ: Силсилаи фалсафа ва ҳуқуқ, маҷаллаи «Иқтисодиёти Тоҷикистон, стратегия, тараққиёт», маҷаллаи назариявӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқии мақомотҳои Вазорати адлияи ҶТ «Ҳаёт ва қонун» ва ғайраҳо.

Мувофиқи стандарти давлатии Вазорати маорифи ҶТ дар низоми таълим фанҳои зиёди таълимии нав ҷорӣ карда шудаанд, ки зимни он дар фаъолияти кафедра низ барои омода намудани маводи методӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Дар ҳамин васила аз ҷониби устодони кафедра дар тӯли ду соли охир барои истифодаи донишҷӯён ва аспирантони соҳаҳои ҳуқуқ ва иқтисод, бахусус андоз, бонк, молия, соҳибкорӣ китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ ба чоп расонидаанд, аз ҷумла китоби дарсии «Ҳуқуқи иқтисодӣ», васоити таълимии «Асосҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ», Ҳуқуқи иқтисодӣ (қисми 1 ва 2) маҷмӯаи таълимӣ-методӣ барои гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ тибқи низоми кредитии таҳсилот омода шудааст, ки бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.05.2013 сол таҳти №9/33 ва китоби дарсӣ аз фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки аз тарафи устоди кафедра н.и.ҳ. дотсент Ғоибов Р.Д. омода шудааст, бо қарори мушовараи Вазорати маорифи ҶТ аз 31.07.2013 сол таҳти №12/32 барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба чоп тавсия шудааст.

Инчунин соли ҷорӣ бо иштироки профессорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкории АДҲМ (Академияи Давлатии ҳуқуқшиносии Москва) барои донишҷӯёни соҳаи ҳуқуқ ва иқтисод таҳти унвони «Соҳибкории хурду миёна» китоби дарсӣ аз нашр баромад, ки муаллифи яке аз фаслҳои китоби мазкур мудири кафедра д.и.ҳ., профессор Исмаилов Ш.М. мебошад.

Ҳамзамон оид ба фанҳои таълимие, ки аз ҷониби устодони кафедра дар факултетҳои донишкада аз рӯйи ихтисосҳои амалкунанда дарс дода мешаванд, барномаҳои таълимӣ, силлабус барои бахшҳои низоми таҳсилоти кредитӣ, тестҳо барои қабули санҷишу имтиҳонот, мавзӯъҳо дар шакли слайд, мавзӯъҳои корҳои курсӣ, барномаи таҷрибаомӯзӣ, нақшаи дурнамои корҳои илмию амалии устодони кафедра дар солҳои 2010-2015 нақшаи дарсҳои амалию тарбиявӣ ва дигар маводи таълимию методӣ таҳия намуда, мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Устодони кафедра барои баланд бардоштани сатҳи сифати таълим, мавзӯъҳои таълимиро ба талаботҳои стандарти давлатии Вазорати маорифи ҶТ мувофиқ намуда, барои донишҷӯёнро дар сатҳи талаботи ҷаҳонӣ тайёр намудан дар ҷараёни таълим мавод ва усулҳои гуногуни таълимӣ, аз қабили мизҳои мудаввар ва баҳсҳои илмӣ мегузаронанд.

Бояд гуфт, ки корҳо дар самти роҳбарии корҳои илмӣ ва дастгирии олимони ҷавон хуб ба роҳ монда шудааст. Чунончи, таҳти роҳбарии бевоситаи мудири кафедра, профессор Исмаилов Ш.М. 7 нафар аспирант ба унвонҷӯён рисолаҳои номзадии худро бомуваффақият ҳимоя намуданд.

Мавзуи илмӣ-тадқиқотии кафедра «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисодӣ» буда, устодони кафедра вобаста ба ин мавзуъ кор карда истодаанд. Кафедра дар тӯли фаъолияти худ ҳар сол конфронс ва семинарҳои илмӣ-амалӣ мегузаронад. Дар баробари ин кормандони кафедра дар конфронсҳои илмию амалии донишкадавӣ фаъолона ширкат варзида, оид ба масъалаҳои соҳаи ҳуқуқ ва доир ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии ба тозагӣ қабулшаванда ибрози андеша намуданд, ки онҳо дар маҷмӯаи осори илмии ДМИТ (қисми II, 2013) ба нашр расид.

Бояд зикр намуд, ки кафедра бо бисёр муассисаҳои илмиву таълимии дохилию хориҷи кишвар, ба монанди кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати ДМТ, кафедраи ҳуқуқи соҳибкории МГУ-и Федератсияи Русия, кафедраи ҳуқуқи кишоварзӣ ва сарватҳои табиии АДҲМ, инчунин бо Пажӯҳишгоҳи тадқиқотӣ ва таҷдиди ҳуқуқии шаҳри Алма-Ато робитаи зичи илмӣ дорад.

Дар назди кафедра маҳфили «Ҳуқуқдони замони муосир» таҳти роҳбарии дотсент Носиров Н.Б. фаъолият дорад, ки дар машваратҳои он масъалаҳои назариявии фанҳои ҳуқуқ баррасӣ ва муҳокима мегардад. Ҳадафи асосии маҳфил аз мусоидат намудан ба фаъолияти самараноки донишҷӯён дар самти илмомӯзӣ, дарёфт намудани донишҷӯёни боистеъдод, ҳарчи бештар ҷалб намудани шогирдон ба корҳои илмӣ ва фаъол гардонидани онҳо дар корҳои ташкилотчигӣ иборат аст.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти кафедраро корҳои тарбиявӣ дарбар мегирад. Дар ин самт устодон дар дарсҳои тарбиявӣ аз рӯи нақшаи пешбининамудаашон донишҷӯёнро барои омӯзиши донишҳои замонавӣ, ҷаҳонбинии васеъ, ватандӯстиву худогоҳӣ ва мутахассиси соҳаи худ гаштан ҳидоят менамоянд. Қисмати асосии корҳо барои бедор намудани меҳру муҳаббат ба касб, тахассус, фан ва ғайра равона карда мешавад.

Кафедра дар соли 2014 ба нақша гирифтааст, ки аз ҷониби устодон таҳти роҳбарии профессор Исмаилов Ш.М китоби дарсӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи андоз, як дастури таълимӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқии андозбандӣ дар ҶТ аз тарафи н.и.ҳ., дотсент Ҳаитов С.П., васоити таълимӣ аз фанни ҳуқуқи граждании аз ҷониби н.и.ҳ., дотсент Носиров Н.Б. таҳия кунанд ва инчунин на камтар аз чор мавзуъ-слайдҳо вобаста ба ҳар як фанни мавҷудаи кафедра барои истифода бурдан ҳангоми дарсдиҳӣ тариқи тахтаи электронӣ омода намоянд.

Дар охир барои пешрафти кору фаъолияти устодони донишкада як-ду пешниҳод доштем, ки аз инҳо иборатанд: тамоми дарсҳо бо забони адабии давлатӣ (бе истифодаи лаҳҷа) гузаронида шаванд; нисбати ташкили базаи умумидонишкадавӣ оид ба қабули тестҳо чораандешӣ шавад; бинобар сабаби маҳдуд будани вақти дарсҳои лексионӣ давомоти донишҷӯён зери назорати эдвайзерони факултетҳо ба зиммаи сардорони гурӯҳҳо вогузор карда шавад; барои ҷой додани маълумотҳо оид ба давомот, дарсазхудкунӣ ва ҳолати супоридани санҷишу имтиҳонoти фосилавию ҷамъбастии ҳар як донишҷӯ шабакаи дохилии (локалӣ) донишкада таъсис дода шуда, ба ҳар як нафар саҳифаи алоҳида ва рақами мушаххас дода шавад.

Умуман, фаъолияти кафедраи мазкур барои тайёр намудани мутахассисони варзидаи соҳаи иқтисодиёт ва ҳуқуқ равона карда шудааст ва устодони он дар ин самт ҷиҳати ба мурод расидан сайъи комил ба харҷ медиҳанд.

**Шавкат Исмаилов,**
**мудири кафедра,**
**профессор**

# БАХТНОМАИ МИЛЛАТ

Сарқонун, ки ҳамаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҳар як кишвар аз он сарчашма мегирад, барои рушду инкишофи ҷомеа асос аст.

Инсоният дар тӯли солҳои зиёд дар робита бо вазъу афкори замон низому рафторҳои хешро ба силсилаи муқарраротe муайян намудаву бахри иҷроиши он кӯшишҳо ба харҷ дода.

Агар ба умқи таърих назар андозем, мебинем, ки фарзонагони ҳаёти инсонӣ бахри ба низоми муайян даровардани амалҳои хеш ва ҷомеа роҳҳои гуногуни рафтору фаъолияти аъзоёни онро пешниҳод намудаанд.

Дар баробари олимону мутафаккирони барҷастаи мамолики гуногуни олам фарзандони нобиғаи миллати тоҷик низ бо панду андарз, ҳикмату сиёсат, амалу фаъолияти хеш пештозони ин қисмати фаъолияти ҷомеаи инсонианд. Гузаштагони мо бо эҷоду рафтори хеш аз ҷониби ҷаҳониён ҳамчун офарандагони роҳу низоми ҷомеаи инсонӣ, мардуми соҳибфарқору соҳибтамаддун эътироф гардидаанд. Боиси сарфарозист, ки фарзандони миллати тоҷик дар инкишофи ҷомеа бо пиёда намудани фикру андешаҳои инсондӯстонаи хеш дар бисёр соҳаҳои қонунияти ҳаёт бо икдому қадамҳои аввалин рӯи кор омадаанд.

Дар бисёр соҳаҳои ҳуқуқии ҷомеа ниёгонамон аз аввалинҳо буданд. Дар ин ҷода Эъломияи ҳуқуқи башар аз ҷониби Куруши Кабир қабул гардидаву амалишуда боиси ёдоварист.

Эъломияи ҳуқуқи инсон ҳанӯз дар асрҳои қадим бо инсондӯстии бениҳоят зиёд эҷод шуда буду дар тӯли чандин асрҳо роҳнамои подшоҳону давлатдорони мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон гардид ва Эъломияи ҳуқуқи башар, ки соли 1948 қабул гардидааст, дар асоси ана ҳамин офаридаи Куруши Кабир тартиб дода шудааст.

Ҳар як тоҷик фахр аз он дорад, ки фиқҳи исломӣ-муайянкунандаи ҳуқуқи шахсии мусулмон ба афкору салиқаи инсондӯстии малакаи баланди фарзанди фарзонаи миллат Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит (Имоми Аъзам) эҷод шудаву муайянкунандаи ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳар як марди мусалмон аст.

Дар мамлакати мо тайи қариб сад соли охир 5 Конститутсия (Сарқонун) қабул гардидааст ва ҳар як Сарқонуни қабулшуда дар робита бо вазъи сиёсию иқтисодӣ ва талаботи замон ва ҷомеа қабул гардидаанд. Ҳамаи ин Сарқонунҳо дар роҳи пешрафту тараққиёти мамлакат саҳмгузоранд.

Ҳар як ҳарфу калимаи ин 10 бобу 100 моддаи Сарқонуни мо барои ҳар як фард арзиши ҳарфҳои зарринро дорад. Ҳар як сухани Сарқонун рамзи бахту иқболи баланди фарзандони миллат аст.



Дарвоқеъ, Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ин бахтномаи миллат буда, он муайянкунандаи орзую ормонҳои тамоми тоҷику тоҷикистониён мебошад.

**Саъдӣ Қурбонов,**
**донишҷӯи курси 4,**
**факултети хисобдорӣ**
**ва омор, ихтисоси**
**таҳлили иқтисодӣ**

**Дар семоҳаи дуюми соли равон аз Русия ба Тоҷикистон аз ҷониби шахсони воқеӣ беш аз 1 млрд. $ маблағи пулӣ интиқол шудааст, ки нисбат ба семоҳаи аввал 45% зиёдтар аст.**

ИСЛОМ ВА ИНСОН

# ИСЛОМ БА ЗОТИ ХУД НАДОРАД АЙБЕ...

(Давомаш, аввалаш дар шумораи гузашта)

## Мунофиқро мадон ёри мувофиқ...

Дигар амали носолим, ки боиси вайрон шудани муносибатҳои мардум, бадбинии онҳо нисбат ба якдигар мегардад, фитнагарист.

Дар ояти Каримаи Қуръони азимушшаън омадааст, ки «Агар дар байни тоифае аз мӯъминон қасди ҷони якдигар пайдо шавад, байни онҳо сулҳ андозед». Дар зимни ин оят ривояте ҳаст, ки ҳангоми меъроҷи Пайғамбари Акбар (с) диданд, ки гурӯҳеро лабу забон мебуранд ва онҳо боз дароз мешаванд ва боз мебуранд ва боз дароз мешаванд. Аз Ҷабраил суол кард, ки ин шахсон киҳоянд, ки ба ин ҷазо гирифтор шудаанд? Ҷабраил гуфт: «Инҳо ҳамон воизон ва хатибоне ҳастанд, ки дар байни мардум фитна андохта буданд».

Дигар хислати носазое, ки аз бадниятӣ ва бадбинӣ нисбат ба одамон сар мезанад, ғайбат ва тӯҳмат аст. Рӯзе ду нафар назди Пайғамбар (с) даромада, яке аз хубӣ сухан мекард ва дигаре аз бадӣ. Пайғамбар (с) ба сухани ҳар ду гӯш ниҳод ва ҳеҷ кадомеро наҳӣ накард. Баъдан аз хайрухуш кардани онҳо саҳобае пурсон шуд: «Ё Расулуллоҳ, чаро ҳеҷ кадоме аз эшонро наҳӣ накардӣ?». Пайғамбари Акрам (с) гуфт: «Ин ки бад гуфт, бадтинат, бадсиголу бадбин аст. Ӯ фақат манфиро мебинад. Ва ин ки хайр гуфт, поктинату хайрхоҳ ҳаст ва фақат сифатҳои хайрро мебинад». Азбаски инсон байни ҳавои нафс ва олами рӯҳонӣ ва раббонӣ қарор дорад, бинобар ӯ ба ҳар ду ҷанба бархӯрда, ҳам нек ва ҳам бад аз ӯ ба вуҷуд меояд. Ӯ, ки бадбин аст, некиро намебинад ва фақат бадгӯӣ мекунад. Ва он ки поктинату хайрхоҳ ҳаст, фақат некӣ мебинад ва некӣ мегӯяд. Ҳамин тавр, тӯҳмат ва ғайбат аз нияти бад ва бадбинӣ нисбат ба одам сар зада, ислом онро ҳам дар Қуръони азимушшаън ва ҳам дар аҳодиси зиёде ҳамчун амали малъун маҳкум мекунад. Бино ба ривояти Аъло бинни Ҳорис Ҳазрати Муҳаммад (с) фармуданд: «Касоне, ки бегуноҳонро муттаҳам мекунанд, дар рӯзи маҳшар ба сурати сагҳои ҳашр мешаванд». (Манзараи марг. Лоҳур, 1977, саҳ. 321).

Дар ҳадиси дигар омадааст: «Бинобар ҳадиси Ҳазрати Аббос (р) Пайғамбари Акрам (с) ҳангоми меъроҷ мардумеро дид, ки гӯшти мурдор мехӯранд. Он Ҳазрат (с) пурсиданд, ки инҳо киҳоянд? Гуфтанд: «Инҳо касоне ҳастанд, ки гӯшти мардум мехӯранд, яъне ғайбат мекарданд».

Аз Ҳазрати Аниси Марвист (р), вақте ки он Ҳазрат (с) дар шаби меъроҷ касонеро диданд, ки бо нохунҳои худ сурату синаҳои худро мехарошиданд. Суол кард: «Инҳо чӣ касоне ҳастанд?» Ҳазрати Ҷабраил (а) арз кард: «Инҳо касоне ҳастанд, гӯшти мардум мехӯрданд, яъне онҳоро ғайбат ва тӯҳмат мекарданд ва обрӯи онҳоро мерехтанд».

Пайғамбари Акрам (с) изҳор карданд, ки «Ғайбат аз зино низ бадтар аст. Муртакаби зино пас аз тавба кардан бахшида мешавад. Вале ғайбатгӯй то вақте касе аз ӯ ғайбат карда бошад, ӯро набахшад, бахшида намешавад».

Сухан гуфтан дар ҳаққи мардум ва ё ба мардум сухани нек кардан савоби азим аст. Дар ояи Каримаи Қуръони азимушшаън аз баёни савоби он чунин аст: «Сухани некӯ ва махфираткунанда беҳтар аст аз садақае, ки ҷафои вай озор бошад»(2,62).

Яке назди Расули Акрам (с) омад ва гуфт: «Дин чист?». Гуфт: «Хулқи некӯ». Ва аз вай пурсиданд: «Фозилтарин аъмол чист?». Гуфт: «Хулқи некӯ». Касе Расул (с)-ро гуфт: «Маро васияте кун». Гуфт: «Ҳар куҷо бошӣ, аз Худо бипарҳез». Гуфт: «Дигар?». Гуфт: «Мухолитат ба халқ бо хӯи некӯ кун», «Ҳар киро Худои таъоло хӯи некӯ арзонӣ дорад, ӯро хурӯши оташ накунад».

Ба Расули Акрам (с) гуфтанд: «Фалон зан ба рӯз рӯза мегирад ва ба шаб намоз мегузорад, валекин бадхӯйест, ҳамсоягонро ба забон биронҷонад». Гуфт: «Ҷои ӯ дӯзах аст».

Дар муносибатҳои байни афрод ва миллалу ниҳал ислом одамонро ба ду гурӯҳ: золим ва одил ҷудо мекунад. Дар ислом нисбати одамон, сарфи назар аз миллату мазҳаб ду мафҳум - золим ва одил ба кор бурда мешавад. Ва дар ҳадис омадааст, ки: «Адолати яксоатаи подшоҳ аз ибодати ҳафтод сол фузунтар аст». Ва дар ҳадиси дигар омадааст: «Дараҷаи ҷавонмарди сахӣ аз дараҷаи обиди бахил болотар аст».

## Равшан шавад чароғи ҳама зи иттифоқ...

Аз нуқтаи назари ислом бандагони Худоро бояд тибқи раҳнамоӣ ва раҳимии Худо сипосгузорӣ кунӣ. Дар рисолаи «Қушайрӣ» меорад, ки ҳазрати Мустафо (с) дар шаби меъроҷ аз Ҳақ Таъоло дархост, ки боро Худоё, ҳисоби уммати ман ба дасти ман кун, то касе аз гуноҳи эшон иттилоъ наёбад. Фармон омад, ки эй Муҳаммад, ту мехоҳӣ дигарон бар гуноҳи умматони ту иттилоъ наёбанд. Ман Худовандам чунон мехоҳам, ки ту низ ба гуноҳи умматони худ матлаъ нашавӣ, ки ту агар гуноҳи эшонро бидонӣ, аз эшон безор шавӣ.

Баъд аз он ки Расули Акрам (с) аз меъроҷ бозомад, яке аз муҳоҷирон вафот кард. Ҷанозаи ӯро ҳозир карданд. Расули Акрам (с) суол кард, ки «Қарз надорад?». Гуфтанд: «Ду дирам қарз дорад ва ваҷҳ надорад». Расули Акрам (с) фармуд, ки намоз намекунем бар вай, ки дар адо тақсир карда. Шоҳи мардон Алии Муртазо (к) гуфт: «Ё Расулуллоҳ, қарзи ӯро ба худ гирифтам, ки адо кунам. Шумо бар вай намоз бигузоред». Расули Акрам (с) бар вай намоз бигузорид. Ҷабраили Амин ба Расулуллоҳ даррасид ва гуфт: «Эй Муҳаммад, Худоят салом мефиристонад ва мефармояд, ки шаби меъроҷ ҳисоби уммат мехостӣ, ки ба дасти ту кунам. Ва яке аз умматони туро ки ду дирам қарз буд, бар вай намоз намегузорӣ, ҳисоби уммат чӣ гуна ба дасти ту кунам? Ҳилми мост, ки таҳаммул бар гуноҳи бандагон мекунад. Ба иззати ман, ки агар бар он намоз намегузоридӣ, ман, ки Худовандам, 600 ҳазор фариштаи муқаррабро мефиристодам, то бар вай намоз мекарданд».

Ҳар чӣ оварда шуд, далолат бар он мекунад, ки дар ислом Худо раҳмон ва раҳим аст ва рафтори мусулмонон низ бояд тибқи ҳамин авсофи Худои таъоло сурат гирад. Бераҳмӣ ва психологияи «экстремистӣ» ба табиати ислом бегона аст.

Дар ислом хуни ноҳақ рехтан гуноҳи кабира ва нобахшиданист. Сазои он дар ҳикояе чунин омадааст: «Ҳангоме ғазолашкари ислом ба самте раҳсипор буд, ки шахсе аз пеш баромад ва бар лашкари ислом салом дод, лекин сарлашкари ислом Ҷассом ба саломи ӯ ҷавоб надод ва он мискинро ба қатл расонид. Хабари мақтул шудани он мискин ба гӯши Пайғамбари Акрам расид, Ҷассомро назди худ хонд ва гуфт: «Ё Ҷассом, Худои таъоло туро намебахшад, ки ин мискини бегуноҳро қатл кардаӣ. Вай мусулмон набуд, вале бандаи Худо буд ва мисли ту ҳама гуна ҳуқуқҳои зиндагиро Худои таъоло бар ӯ арзонӣ фармуда буд».

Ба қавли Пайғамбари Акрам (с) ва хости Худо, баъд аз муддате Ҷассом аз ин дунё даргузашт ва ҳангоми ӯро ба хок супоридан хок ӯро қабул накард ва берун андохт ва боз дуюмбора ва сеюмбора ба хок супориданд ва ҳар бор хок ӯро берун меандохт. Ӯро дар ҳамон ҳол гузоштанд, ба назди Пайғамбари Акрам (с) баргашта ва гуфтанд: «Ё Расули Худо, ин чӣ ҳикмат аст, ки хок ҷисми Ҷассомро қабул намекунад, гуфт: «Ин ҳикматест барои шумо, ки мабодо хуни касеро ба ноҳақ нарезед».

Ин ҳикоя, ки дар асоси таълимоти ислом иншо шудааст, ба он далолат мекунад, ки барои мусулмонон ҳама гуна экстремизм ва таассуб бегона аст.

**Нодир Одилов,**
**Раиси Шӯрои кӯҳансолони ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон,**
**профессори ДМИТ**

# КОНСТИТУТСИЯ - ҲОМИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

**Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ин шаҳодатномаи халқи тоҷик аст. Сарқонуни ҶТ асосҳои сохти конститутсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ, уҳдадории инсон ва шаҳрванд, тартиби фаъолияти мақомоти қонунбарор, иҷроия, судӣ ва шаклҳои идоракунии давлатро муайян мекунад.**

Конститутсияи ҶТ эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, ифодакунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Меъёрҳои Конститутсияи ҶТ мустақиман амал карда, ҳар шахс уҳдадор аст, ки ин меъёрҳоро эҳтиром кунад. Ҳифз намудани Конститутсия барои ҳар як шахс дар кишвар вазифаи конститутсионист. Чи гунае ки дар моддаи 42-и Конститутсия омадааст: «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс уҳдадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд, надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад».

Бояд як нуктаи дигарро хотиррасон кард, ки то истиқлолияти комилро ба даст овардани Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ 4 маротиба дар солҳои 1929, 1931, 1937, 1978 Конститутсия қабул шудааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар мамлакатамон 6 ноябри соли 1994 аз тарафи шаҳрвандон бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи нав қабул карда шуд, ки он аз дебоча 10 боб ва 100 модда иборат аст. Дар раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи ҶТ 2 млн. 685 ҳазору 724 нафар иштирок карда, аз онҳо 2 млн. 535 ҳазору 437 нафар ёки 94,4% шаҳрвандон ба он овоз доданд. Ба ин ҳуҷҷати расмии давлат, ки дар ҳолатҳои қонун муайян кардааст, тарзи ворид кардани тағйиру иловаҳо бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз тарафи шаҳрвандони ҷумҳурӣ сурат мегирад. Ба Конститутсияи амалкунандаи ҶТ ду маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. 26 сентябри соли 1999 бори аввал дар бораи рушди сулҳу субот ва маротибаи дуюм 22 июли соли 2003 дар бораи ваколатҳои президент.

Инчунин оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон



ҳамчун давлати демократию ҳуқуқбунёд ва узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд бетараф нест. Мақсади асосии Конститутсияи ҶТ маҳз таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, ки он дар мувофиқа ба меъёр ва принсипҳои ҳуқуқи байналхалқӣ мутобиқ гардонида шудааст.

Боби дуюми Конститутсияи ҶТ, ки ҳуқуқу озодии вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд унвон шудааст, барои пурра таъмин намудани ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ ва кафолати онҳо, аз ҷумла ҳуқуқҳои сиёсӣ (ҳуқуқи озодии сухан, ҳуқуқи муттаҳид шудан, мурожиат кардан ба мақомоти давлатӣ) иқтисодӣ (ҳуқуқ ба моликият, озодии соҳибкорӣ) иҷтимоӣ (ҳуқуқ ба манзил, истироҳат, таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ) ва ғайраҳо равона шудааст. Конститутсияи ҶТ мақомотҳое, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона шудааст, аз ҷумла мақомоти судӣ ва прокуратура, тарзи ташкил, фаъолият ва салоҳияти онҳоро дар асоси қонун пурра муайян мекунад.

Конститутсияи ҶТ бо як қатор принсипҳо ва масъалаҳои дигари ҳуқуқӣ низ таваҷҷуҳи худро зоҳир мекунад, аз ҷумла ба принсипҳои демократӣ, яъне дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс озодона ҳуқуқу озодиҳои худро амалӣ мекунад ва бевосита халқ сарчашмаи ҳокимият мебошад, идеалогӣ, яъне дар ҶТ ба ҳайси мафкураи давлатӣ ҳеҷ мафкураи дигар баромад карда наметавонад, сиёсати хориҷӣ, дахлнопазирӣ ва инчунин оид ба масъалаҳои баробарӣ ва манъи табъиз, дахолат ба ҳаёти шахсӣ, ҳуқуқ ба ҳаёт, озодии эътиқод, озодии ҳаракат ва ғайра.

Мувофиқи муқаррароти Конститутсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон танҳо ба воситаи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ таъмин карда мешавад. Санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дар ҶТ қабул мешаванд, набояд бар хилофи Конститутсия бошад, чунки қонунҳои зидди меъёрҳои конститутсионӣ қабулшуда эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Сарчашмаи асосии қабули санадҳои дигари меъёрӣ-ҳуқуқӣ Конститутсия мебошад. Як нуктаи асосии ҳуқуқии дигарро бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои назорат ва ҳифзи ин ҳуҷҷати расмии давлатӣ, мақомоти махсус Суди конститутсионӣ амал мекунад. Яке аз салоҳиятҳои асосии Суди конститутсионӣ дар ин самт ин муайян намудани мувофиқати қонунҳо, қарордодҳои ба қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конститутсия мебошад.

Хуллас, Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд саҳми сазовор дорад.

**Фирӯзи Талбак, донишҷӯи курси 2, факултети менеҷмент ва ҳуқуқи молиявӣ**

**29 октябр Созишнома дар бораи фаъолияти меҳнат ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони ҶТ дар ФР ва шаҳрвандони ФР дар ҶТ ба имзо расид.**

# БАХШИДА БА РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУҲОСИБОН

Ҳисобдории муҳосибӣ аз санъат ва илм болост, ҳама ба он эҳтиёҷ дорад. Бидуни ҳисобдории муҳосибӣ дунё идоранашаванда аст ва одамон бе он якдигарро намефаҳманд.

А. Де. Соломони

Мизи мудаввар

## НАҚШИ МУҲОСИБ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Ба муносибати Рӯзи байналмилалии муҳосибон 8 ноябри соли ҷорӣ дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мизи мудаввар дар мавзуи «Нақши муҳосиб дар замони муосир» бо иштироки устодони кафедра, донишҷӯён ва намояндагони шуъбаи илм баргузор гардид.

Онро мудири кафедра Раҳимов С. ифтитоҳ ва ҳозиринро бо Рӯзи байналмилалии муҳосибон табрик намуда, оид ба таърихи пайдоиш ва ҷашнгирии рӯзи муҳосибон маълумоти муфассал дод. Мавсуф, аз ҷумла қайд намуд, ки сарчашмаи ниҳоии ин ҷашни касбӣ охирҳои асри XV, аниқтараш 10 ноябри соли 1494 мансуб мешавад, ки дар Венетсия китоби аввалин асосгузори илми ҳисобдорӣ Лука Пачиоли «Оид ба арифметика, геометрия ва мувозинат» нашр шуд. Яке аз бобҳои ин китоб «Оид ба ҳисобҳо ва дигар навиштаҷотҳо» ном дошта, дар он маълумоти муфассал доир ба ташкили фаъолияти муҳосибӣ дар Венетсия оварда шудааст.

Дар ҳамоиш, ҳамчунин устодони кафедра Раҳимов З. дар мавзуи «Доир ба ислоҳоти соҳаи ҳисобдории дар ҶТ амалишаванда», Бобомуродов П. дар мавзуи «Мавқеи муҳосиб дар идоракунии ташкилот» маърӯза намуда, нақши муҳосибро дар замони муосир баланд арзёбӣ карданд.



Устоди дигари кафедра Ҷабборова П. оид ба ислоҳоти низоми баҳисобгирии буҷетӣ ва гузаштан ба СБҲМ дар баҳисобгирии муҳосибӣ дар бахши давлатӣ, ки дар доираи лоиҳаи «Идоракунии молияи давлатӣ» татбиқ мегардад, маълумот дод.

Сипас, донишҷӯи курси 2, ихтисоси баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо Ҳотамов С. дар мавзӯи «Асосҳои ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ ва фаъолияти аудиторӣ» ва Шоев А., донишҷӯи курси 1, дар мавзуи «Аз таърихи ташаккули муҳосибот» маърӯзаҳои пурмухтаво намуданд.

Дар музокираи ин ҳамоиш устодону шогирдон перомуни масъалаҳои мухталифи соҳаи ҳисобдорӣ, таҳлил ва аудит ақидаҳои ҷолиб иброз намуданд.

Умуман, ба гумони ғолиб, мизи мудаввар, ки ҷабҳаҳои илмиву маърифатӣ дошт, чун муколамаи пурмаънӣ дар хотири ширкаткунандагон нақш мебандад.

**Машҳура Абдуллоева**

## МУҲОСИБИ КАСБӢ - КАФОЛАТИ РУШДИ КОРХОНА

Муҳосиб яке аз касбҳои қадимтарин буда, таърихи беш аз шашҳазорсола дорад. Дар давраҳои қадим муҳосибро хазинадор, сарпараст, назоратчӣ, ҳисобдор, калиддор меномиданд.

Мафҳуми «бухгалтер», яъне муҳосиб аз калимаи олмонии «bucн-китоб» ва «hallten - доштан, бурдан» гирифта шудааст.

Муҳосиби хуб – кафолати амният ва рушди корхона, машваратчии асосӣ ва ёрдамчии роҳбари корхона аст. Дар замони муосир касби муҳосиб яке аз касбҳои бонуфуз ва баландмузд маҳсуб мегардад. Аз дараҷаю сатҳи касби муҳосибон ҳам обрӯю нуфузи корхона ва ҳам иқтисодиёти давлат низ вобастагии калон дорад.

Муҳосибони касбӣ метавонанд аудитор, директори молиявӣ, роҳбари ташкилот шаванд ва саҳми худро барои рушди корхона ва иқтисодиёти кишвар гузоранд.

Ҳамасола 10 ноябр ҳамчун Рӯзи байналмилалии муҳосибон қайд карда мешавад. Ба ин муносибат аҳли эҷоди рӯзнома намояндагони ин касби бошараф ва муҳосибони ояндаро бо иди касбиашон муборакбод намуда, ба эшон дар фаъолияти пурмасъули ҳисобу китоб бурдбориҳо таманно дорад.

**Ҳайати эҷодии рӯзномаи «Молия ва иқтисод»**

# ХАНДАРЕЗ

Ҷаҳонгарди олмоние ба қишлоқи Пӯлодбойшон омад ва аз ӯ пурсид:

-Дар қишлоқи шумо чӣ чизи аҷиб ва ё дидание вуҷуд дорад?

Пӯлодбой гуфт:

-Дар қишлоқи мо марди пири 125 солае ҳаст, ки ҳанӯз аз кафи дасти худаш нон мехӯрад.

Ҷаҳонгард гуфт:

-Ин чизи аҷиб будааст, ман бояд ҳатман бо ӯ вохӯрам, чӣ хел ӯро бинем?

Пӯлодбой гуфт:

-Ӯро дида намешавад.

Ҷаҳонгард гуфт:

-Ҷаро?

Пӯлодбой ҷавоб дод:

-Падараш ӯро намегузорад аз хона берун барояд.

*****

Пӯлодбой аз масҷид баромада дид, ки калушҳояш нестанд, ба худаш гуфт:

-Ман кай рафтам, ки худам нафаҳмидам.

*****

Оилаи ҷавон 1 сентябр писарчаашонро ба мактаб ба синфи як равона мекунанд. Формаи мактаби нав, дар дасташ гул… баъди мактаб ӯро бо хурсандӣ пешвоз мегиранд. Писарча бо қошу қавоқ даромада сумкаро ба болои диван партофта мегӯяд:

-Ҷаро шумо маро таъкид накардед, ки ин кашмокашак даҳ сол давом мекунад.

*****

- Ҳамсояҳо тамоман гарангаҳ-чӣ бало! Соати сеи шаб батареяю деворҳоро мекӯбанд. Хайрият ман хоб набудаму гитара менавохтам.

*****

Ду рафиқ ба театр ба тамошои филми 3D рафта буданд, дар вақти тамошо якеашон дид, ки ҳайвони бадҳайбате ба тарафи тамошочиён медавад. Ӯ аз тарс зери курсиҳо даромад, рафиқаш гуфт:

-Эй ҷӯра, шармандамон кардӣ-ку, охир ин кино аст, кино!

Рафиқаш гуфт:

-Ману ту медонем ин кино аст, ӯ ҳайвон аст аз куҷо медонад?

*****

Зан:

-Имрӯз якбора ду мард дар автобус аз ҷояшон хеста, ба ман ҷой доданд.

Шавҳар:

-Ғунҷидӣ?

*****

Зане ба дугонааш телефонӣ шикоят мекунад:

-Намедонам чӣ кор кунам: ду сол пеш шавҳарам ба Дубай рафт, акнун телефон карда мегӯяд, ки бо ҳарду фарзандонам ба пешаш равам.

-Чӣ фикр мекунӣ? Рав охир?

-Гап дар сари он, ки акнун ман 4 фарзанд дорам!

*****

Ҳой писар, ту дар боғи ман чӣ кор мекунӣ?

-Мефаҳмед тағоҷон, як себ аз дарахти шумо афтид ва ман хостам, ӯро дар ҷояш часпонам.

*****

-Вася! Ту метавонистӣ, ки барои дӯсти беҳтарини худ дар муҳлати як моҳ 100 доллар пул қарз диҳӣ?

-Албатта метавонистам! Лекин ман ин хел дӯст надорам!

*****

Марде полезеро дида монду халтаро аз китфаш гирифта, даромада, то нимаш турб ва ба болои он сабзӣ канда андохт. Акнун халтаро мебардорам гуфта истода буд, ки соҳиби полез омада монд ва аз халта як то як то сабзӣ баровард, ба сари мард задан гирифт. Сабзӣ дарди бедаво буд, баъд навбати турб мерасид. Мард, ҳар боре ки сабзӣ ба сараш мезад, турбро дар назар дошта:

-Охираш ба хайр шавад, охираш ба хайр шавад! – мегуфт.

Молия ва иқтисод
Нашрияи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Муассис:
Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

*Сармуҳаррир:*
**Машҳура Абдуллоева**
*Масъули чоп:*
**Саъдулло Носиров**
*Мухбир:*
**Убайдулло Бобоев**
*Суратгир:*
**Толиб Фозилов**

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0330 ба қайд гирифта шудааст.
**Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64\14**
**Тавзеҳ:**
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ маводи мухталифро ба табъ мерасонад.

**Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.**

**Теъдоди нашр 3000**
**Нархаш шартномавӣ**

**Телефон:**
**988 – 16 – 51- 57**